ДОМ НАРОДОВ ЯРОСЛАВСКОЙ ОБЛАСТИ

# ЁДДОШТ БАРОИ ШАҲРВАНДИ ХОРИҶӢ



***Салом!***

*Вилояти Ярославл ин ҷоест, ки таърих ва фарҳанг якҷоя мешаванд.*
*Мо фахр мекунем, ки инҷо миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд.*
*Ин гуногунрангӣ сарвати мост ва ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми якдигар асоси некӯаҳволӣ ва ваҳдати вилояти Ярославл мебошад.*

*Ҳар як сокин, новобаста аз нажод, дар бунёди ҷомеаи қавӣ ва устувор дар асоси эҳтиром ва дӯстии тарафайн саҳми худро мегузорад.*
*Якҷоя мо метавонем муваффақиятҳои бузургро ба даст орем ва ҳама мушкилотеро, ки ба сари мо меоянд, бартараф кунем.*

ДОМ
НАРОДОВ
ЯРОСЛАВСКОЙ
ОБЛАСТИ

ДОМ
НАРОДОВ
ЯРОСЛАВСКОЙ
ОБЛАСТИ

# ЁДДОШТ БАРОИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ

- Бақайдгирии муҳоҷиратӣ
- Гирифтани патент барои кор
- Шартномаи меҳнатӣ
- Намудҳои масъулият
- Дар Россия чӣ тавр бояд рафтор кард

Ҳаряк шаҳрванди хориҷӣ, ки ба Россия ворид мешавад, корти муҳоҷиратӣ мегирад. Дар корти муҳоҷиратӣ "Кор"-ро хубтараст ҳамчун мақсад  қайд намуд (аммо ҳоло ин ҳатмӣ нест).

Сипас шаҳрванди хориҷӣ бояд ба маҳалли ҷойгиршавии тарафи қабулкунанда равад.



**Худро ба қайди муҳоҷиратӣ гузоред**



**Ҳуҷҷатҳоро омода кунед**



**Шартнома бандед**

Пас аз ба Россия омадан, шаҳрванди хориҷӣ бояд ба қайди муҳоҷиратӣ гузошта шавад.
Барои ин шумо чӣ доред:
**30 рӯз**- агар шумо шаҳрванди ИИАО (ЕАЭС) бошед
**15 рӯз**- агар Шумо шаҳрванди Узбекистон ё Тоҷикистон бошед
**7 рӯз**- агар Шумо шаҳрванди дигар давлатҳо бошед

**Қабулкунанда кӣ метавонад бошад:**
–соҳиби манзили зист;
–шахси ҳуқуқӣ;
–Мақомоти давлатӣ ё ташкилоти байналмилалие, ки барои истиқомат ҳуҷра пешниҳод намудааст

Муҳлати эътибори корти муҳоҷиратӣ аз рӯи муҳлати будубоши шаҳрванди хориҷӣ дар Россия, муайян карда мешавад.
**Барои шаҳрвандони кишварҳои бидуни раводид**, он барои ҳаряк давраи 180 рӯза, ҳамагӣ то 90 рӯзро ташкил медиҳад.

Пас аз ин мухлат, шумо метавонед корти муҳоҷиратро дар асосҳои зерин тамдид намоед:

–Шартномаи меҳнатӣ (ба мухлати на зиёда аз 1 сол);
–Додани иҷозатнома барои кор ва тамдиди он;
–Додани патент ва тамдиди он ё аз нав ба расмият даровардани он;
–Иҷозатнома барои истиқомати муваққатӣ ё иҷозатнома барои иқомат;
–Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои қабули шаҳрвандии Федератсияи Россия;
–Иштирок дар барномаи кӯчубанди ҳамватанон;
–Ба сабаби саломатӣ ғайриимкон будани сафар кардан.

Тарафи қабулкунанда ҳуҷҷатҳоро ҷамъ мекунад ва онҳоро барои ба расмият даровардани ҳуҷҷат пешниҳод менамояд. Огоҳинома дар бораи ташриф овардан ба ҷои будубош дар 1 рӯзи корӣ баррасӣ карда мешавад.

**Қисми ҷудошавандаи огоҳинома дар бораи ташриф овардан бо мӯҳри мақомоти қабул карда ин ҳуҷҷатест, ки бақайдгузории муҳоҷиратии шаҳрванди хориҷӣ дар Россияро тасдиқ мекунад.**

**Патент барои кор - ин ҳуҷҷатест:**

–ки ба шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ, ки бо тартиби бераводид ба Россия омадааст, ҳуқуқ медиҳад, ки назди шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ кор кунад;
–имкон медиҳад, ки танҳо аз рӯи касбе, ки дар он номбар шудааст, кор кунанд;
–танҳо дар ҳамон минтақаи Россия амал мекунад, ки онҷо гирифта шудааст;
–ба шаҳрвандони хориҷии то 18-сола дода мешавад.

Патент барои кор то 12 моҳ эътибори маҳдуд дорад. Пардохт барои ҳар моҳи амали патент сурат мегирад. Агар патентро саривақт пардохт нашавад, он амал намекунад!



**1 Ташриф овардан ба Россия**



**2 Омодасозии ҳуҷҷатҳо**



**3 Пардохти ДАШВ (НДФЛ)**



**4 Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо**



**5 Гирифтани патент**



**6 Ба кор қабул кардан**

## Гирифтани патент барои кор

Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои патент 30 рӯз, пас аз лаҳзаи ворид шудан ба Россия (22 рӯз агар шумо ҳуҷҷатҳоро тавассути ташкилоти ваколатдор пешниҳод кунед).

Патент барои кор дар давоми 10 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ҳама ҳуҷҷатҳо ба расмият даровaрда мешавад.

**Ҳуҷҷатҳо барои омодасозии патент:**

–ариза дар бораи додани патент;
–шиноснома ва нусхаи он;
–акс 3х4 см (ранга, беҷило);
–огоҳинома дар бораи бақайдгирии муҳоҷиратӣ (бақайдгирӣ) ва нусхаи он;
–тарҷумаи ба таври нотариалӣ тасдиқ намудаи шиноснома ба забони русӣ;
–корти муҳоҷиратӣ бо муҳри вуруд ва нусхаи он;
–маълумотномаи ташхиси тиббии шаҳрванди хориҷӣ;
–сертификат дар бораи надоштани сирояти ВНМО (ВИЧ);
–полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ;
–сертификат дар бораи донистани забони русӣ;
–квитансия оид ба пешпардохти собит барои патент ДАШВ (НДФЛ).

**Шартномаи меҳнатӣ** - созишномаест байни корманд ва корфармо, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайнро муқаррар мекунад. Чунин шартномаҳоро ҳам бо шахс ва ҳам бо ширкат метавон баст.

## Дар шартномаи Меҳнатӣ бояд зерин қайд шуда бошад:



**шартҳои музди меҳнат ва андозаи музди меҳнат**



**тартиб ва муҳлати пардохти музди меҳнат**



**реҷаи вақти корӣ**



**имконияти иҷрои кор дар ташкилоти дигар**

## Ҳуқуқҳои корманд

−шартҳои шартномаи меҳнатиро софдилона иҷро кардан;
−дар давоми 14 рӯз корфарморо оиди аз кор озод шудан огоҳонидан;
−қоидаҳои реҷаи корӣ ва техникаи бехатариро риоя намудан;
−ба молу мулк ва таҷҳизоти корфармо эҳтиёткор будан;
−ба корфармо дар бораи ҳолатҳои ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдидкунанда хабар додан.

**Уҳдадории корфармо**

–бе таъхир ва тарҳҳо ба Шумо музди меҳнатро пардохт намудан;
–таъмини ҷои кори бехатар ва кори дар шартномаи меҳнатӣ зикргардида;
–муҳлати будубоши муваққатиро дар минтақаи Россия тибқи муҳлати амали патент тамдид кардан;
–дар бораи дастурамали вазифа ва ҷадвали корӣ маълумот додан.

**Дар давоми 2 моҳ пас аз гирифтани патент, нусхаи шартномаи меҳнатиро ба ВКД фиристодан лозим аст.**

**Уҳдадории корманд**

–аз иҷрои корҳое, ки ба ҳаёт ва саломатӣ хатар доранд, даст кашидан;
–аз корҳое, ки дар шартномаи меҳнатӣ зикр нашудаанд, даст кашидан;
–агар маош аз 15 рӯз зиёдтар ба таъхир афтад, корро боздоштан. Барои ин ба корфармо аризаи хаттиро бояд пешниҳод кард;
–нусхаи шартномаи меҳнатӣ, варақаҳои ҳисоббаробаркунӣ, маълумотномаи музди меҳнатро талаб кардан.



**Вайрон кардани қонунгузории муҳоҷиратӣ**

–Дар қаламрави Россия бе ҳуҷҷат будан;
–Вайрон кардани қоидаҳои бақайдгирии муҳоҷиратӣ;
–Кор бе патент;
–Кор бо патент, ки дар минтақаи дигар / касби дигар ба қайд гирифта шудааст;
–Риоя накардани муҳлати патент;
–Пас аз ба охир расидани муҳлати амали ҳуҷҷатҳо дар қаламрави Россия будан.



**Масъулияти маъмурӣ**

–Вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ;
–Дашном дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
–Таҳқир нисбати шаҳрвандон.

**Дар вилояти Ярославл аз соати 13.00 то 15.00 ва аз соати 22.00 то 6.00 ғавғо кардан манъ аст**
(тобистон аз 1 июн то 31 август – аз соати 23.00 то 6.00).



**Ҷавобгарии ҷиноятӣ**

–Авбошӣ;
–Расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ;
–Мошинрабоӣ, дуздӣ, ғорат;
–Тамаъҷӯӣ; ва ҳоказо.

**Намудҳои масъулият**

**Россия - кишвари ҳуқуқиест, ки дар он қонунҳое амал мекунанд, ки ҳама бояд иҷро кунанд. Вобаста аз вазнинии вайронкунии қонун, шумо метавонед бо намудҳои гуногуни масъулият дучор шавед.**

|  |  |  | **Намудҳои ҷазо барои қонуншиканӣ** |
|---|---|---|---|
| | ✓ | | **Ҳабси маъмурӣ** |
| | | ✓ | **Ҳабс** |
| ✓ | ✓ | | **Ихроҷ аз Россия** |
| | | ✓ | **Депорт** |
| | | ✓ | **Ба маҳбас афтидан** |
| | | ✓ | **Манъи вуруд ба Россия** |
| | ✓ | | **Корҳои маҷбурӣ** |
| ✓ | ✓ | ✓ | **Ҷарима** |

**Қонунҳоро риоя намоед**
Россия кишварест, ки дар он ҳамаи мушкилотро бо роҳҳои қонунӣ метавон ҳал кард: барои ин ришва додан, "маслиҳат кардан", "шиносҳоро" пайдо кардан даркор нест. То он даме, ки ҳамаи мо қонунҳоро риоя мекунем, ин қонунҳо дар ҳолатҳои душвор ба мо кӯмак мерасонанд.

**Пиронсолонро эҳтиром кунед**
Дар Россия чунинаст, ки калонсолонро бояд гӯш кард ва ба онҳо кумак расонд: ба маслиҳатҳои онҳо гӯш диҳед ва дар нақлиёт ё навбат ҷой диҳед. Ин на танҳо ба синну сол, балки ба мақом низ дахл дорад. Агар калонсол аз рӯи синну сол ё дар ҷои кор ба шумо чизе гӯяд - кӯшиш кунед, ки ба ӯ гӯш диҳед.

**Дар зуҳуроти эҳсосот худдорӣ намоед**
Дар Россия аксар вақт мегӯянд, ки "хушбахтӣ хомӯширо дӯст медорад". Аммо ин аз он сабаб нест, ки русҳо бо хушбахтии худ омода нестанд мубодила кунанд, баръакс. Онҳо одатан бо наздикони худ мубодила мекунанд. Ва ба дигарон лозим нест, ки дар ин бора донанд, зеро онҳо корҳои худ ва мушкилоти худро доранд. Шояд раҳгузар дар кӯча баръакс аз он нороҳат шавад, ки мисли шумо хушбахт нест. Пас, кӯшиш кунед, ки эҳсосотро сахт нишон надиҳед, то ба атрофиён халал нарасонед.

**Хушмуомила ва барои кумак омода бошед**
Ҳаряк шахс мушкилот дорад - ин ногузир аст. Дар Россия сокинон омодаанд, ки ба ҳама кумак расонанд, хусусан агар аз онҳо боадабона хоҳиш карда шавад. Пас, агар шумо дар вазъияти душвор қарор дошта бошед – аз атрофиён кумак пурсед ва онҳо ба шумо рад намекунанд. Танҳо боадабона ва бо истифодаи "Шумо" пурсед - ва он гоҳ ҳама чиз дуруст хоҳад буд.

**Роҳати дигаронро эҳтиром кунед**
Дар Россия фазои шахсӣ ва роҳатӣ хеле ба қадраст, бинобар ин, агар касе онро вайрон кунад, русҳо метавонанд норозӣ шаванд. Аз ин рӯ, дар Россия дар ҷойҳои ҷамъиятӣ баланд сухан гуфтан, мусиқӣ гӯш кардан, тела додан ва ғайра қобили қабул нест. Кӯшиш кунед, ки ин корро накунед ва шумо хоҳед дид, ки муносибати атрофиён ба шумо чӣ гуна тағйир меёбад.

**Фарҳанги дигарро эҳтиром кунед**
Россия кишвари бисёрмиллатест, ки дар он бисёр фарҳангҳо ба яке омехта шудаанд. Ва русҳо омодаанд, ки ба фарҳанги дигарон эҳтиром гузоранд, аммо танҳо агар шумо низ чунин бошед. Бисёр идҳо ва ёдгориҳои муҳим мавҷуданд, ки барои мо хеле азизанд. Ба онҳо бо эҳтиром муносибат кунед, пас нисбати анъанаҳои шумо низ муносибати хуб хоҳанд кард.

# РОССИЯ БАР ЗИДДИ ТЕРРОР



БАРОИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ ТЕРРОРИСТӢ ДОШТА ДАР РОССИЯ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ТО ҲАБСИ АБАД ПЕШБИНӢ ШУДААСТ

---

БО ШАХСОНЕ, КИ МЕТАВОНАНД БО ТЕРРОРИСТОН РОБИТА ДОШТА БОШАНД, ТАМОС НАГИРЕД

---

БА БУРДАНИ БАСТАҲОИ НОМАЪЛУМ РОЗӢ НАШАВЕД, ҲАТТО АГАР БА ШУМО БАРОИ ИН ПУЛ ПЕШНИҲОД КАРДА ШАВАД

---

БАРОИ ДАСТГИРИИ ОДАМОНЕ, КИ ШУМО ОНҲОРО НАМЕДОНЕД, МАБЛАҒ НАФИРИСТЕД, ОНҲО МЕТАВОНАНД ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТЕРРОРИСТӢ ДАСТ ДОШТА БОШАНД

# ФАВРАН БА ПОЛИС ХАБАР ДИҲЕД

- **Агар шумо аз фаъолияти созмонҳои террористӣ ё экстремистӣ огоҳ бошед**
- **Шуморо ба ҷинояти террористӣ водор кунанд, ба сафи террористон ҷалб кунанд, пешниҳод кунанд, ки пулро интиқол диҳед**
- **Шумо аз нияти шахс барои иштирок дар амалиёти ҷангӣ огоҳ шуда бошед**

ПОЛИТСИЯ
**112**

Дафтари навбатдории хадамоти федералии амнияти Россия дар вилояти Ярославл) **(4852) 20-00-40**

Маркази муқовимат бар зидди ифротгароии ВКД Россия дар вилояти Ярославл
**(4852) 59-12-51**

**ИН ҲАЁТИ БИСЁР ОДАМОНРО НАҶОТ ХОҲАД ДОД!**

# ҚАБУЛИ ИМТИҲОНҲО АЗ ФАННИ ЗАБОНИ РУСӢ ҲАМЧУН ЗАБОНИ ХОРИҶӢ, ТАЪРИХИ РОССИЯ ВА АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ РОССИЯ

Тибқи қонунгузории амалкунандаи ФР супоридани имтиҳон барои шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳолатҳои зерин ҳатмист:

- **Пеш аз муроҷиат ба хадамоти муҳоҷират барои гирифтани ИБЗ (РВП) ё ИБИ (ВНЖ)**
- **Пеш аз гирифтани раводиди корӣ**
- **Барои муҳоҷирони бидуни раводид, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ ба Россия омадаанд ва мехоҳанд дар айни замон иҷозати расмии корро гиранд**

**Имтиҳонҳо дар суроғаи зерин қабул карда мешаванд:**

**ш. Ярославл, к. Полушкина Роша х. 16, сохтор 51**

**Телефон барои маълумот: +7(905)638-16-64**

**E-mail: migrant@uniyar.ac.ru**

**ҚАБУЛИ ИМТИҲОНҲО**

ДОМ
НАРОДОВ
ЯРОСЛАВСКОЙ
ОБЛАСТИ

**ш. Ярославл, хиёбони Октябр, 88 «б» (1 ошёна)**
**E-mail: domnarodovyao@mail.ru**

Сомонаи Хонаи халқҳои вилояти Ярославл

Маълумот барои тамос ва сохтори ВКД Россия дар вилояти Ярославл

Гурӯҳи Вконтакте Хонаи халқҳои вилояти Ярославл

Телеграмма канали Хонаи халқҳои вилояти Ярославл